“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор Ибодуллозода А.
_______________
“____”__________2023с.

# ХУЛОСА

## Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзуи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ” дар кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ба анҷом расонида шудааст. Мавзуи диссертатсионии Сафарзода Г.Г. ба идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатӣ дар асоси омӯзиш ва таҳияи усулҳои кам кардани хароҷотҳои корхона бахшида шудааст, ки дар шароити имрӯза муҳим шуморида мешавад.

Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 30.03.2017, №8/5.1 рисолаи аспирант Сафарзода Г.Г. дар мавзуи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ” таҳти роҳбарии д.и.и., профессор Рауфӣ А. тасдиқ карда шудааст.

Рисолаи илмии Сафарзода Г.Г. дар мавзуи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ” дар ҷаласаи Шурои олимони факултети иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ 23.06.2023, суратҷаласаи №9 муҳокима гардид.

Мавзуи диссертатсияи илмии Сафарзода Г.Г. дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 23 июни соли 2023, суратмаҷлиси №9 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмӣ дар мавзуи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ” чунин хулосаҳо бароварда шуд.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Рисолаи диссертасионии Сафарзода Г.Г. дар мавзуи “Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ” ба яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аҳамияти зиёди назариявӣ ва амалӣ дорад. Истеҳсолоти саноатӣ пешбарандаи иқтисоди миллӣ, таъминкунандаи шуғли аҳолӣ, сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, барои нигоҳдорӣ ва рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, таҳлили мунтазами фаъолияти корхонаҳои саноатӣ аҳамияти махсус дорад. Корхонаҳои саноатӣ барои қаноатмандии на танҳо истеъмолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, балки барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ шароит фароҳам меоранд. Барои баланд бардоштани устуворӣ корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бояд инфрасохтор, фондҳои асосиро мунтазам нав кунанд, технологияи навро ҷорӣ кунанд. Корхонаҳои саноатӣ натанҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он бояд маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол намоянд. Рақобатпазирии маҳсулот асосан аз рӯи хароҷотҳои истеҳсол ва фурӯш ва тафриқабандии он муайян карда мешавад. Аз ин лиҳоз, кам кардани арзиши аслии маҳсулоти корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ мушкилоти мубрам ва бефосила ба ҳисоб меравад.

Фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ аз як қатор омилҳои дохилӣ ва берунӣ алоқаманд буда, зарурати идоракунии онҳо мубрамияти мавзуи диссертатсияи мазкурро муайян кардааст.

**Мақсади таҳқиқоти** мазкур дар коркарди роҳои самараноки идоракунии иқтисодии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар марҳилаи таъмини рушди босуръати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқи мақсади гузошташуда дар таҳқиқоти илмӣ чунин вазифаҳо ҳал карда шудааст:

- таҳқиқи асосҳои назариявии мафҳуми категорияи иқтисодии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли махсулоти ширӣ ва муайян намудани манбаҳои ташаккули фоида;
- таҳлили вазъи воқеии фоидаоварии корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва муайян кардани таъсири ҳамаи омилҳои хоҷагидории истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ба ин нишондиҳанда;
- муайян кардани роҳҳои оптималии идоракунии иқтисодии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ бо назардошти нигоҳ дошта тавонистани сатҳи таъминнокии аҳолии шаҳри Душанбе ба маҳсулоти ширӣ;
- нишон додани бартарияти муносибатҳои иқтисодии самтҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар баландбардории рақобатпазии моли корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар бозори истеъмолӣ;
- пешниҳод кардани механизмҳои иқтисодии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити васеъ ҷорӣ кардани методҳои нави ташкили истеҳсолоти корхонаҳои соҳа;
- коркард ва пешниҳоди механизмҳои иқтисодии идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар шароити нигоҳ доштани рақобатпазирии маҳсулоти корхона дар вакти таъмин кардани рушди инноватсионӣ ва паст кардани нархи фурӯши маҳсулоти корхона.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона мебошад. Саҳми шахсии муаллиф аз ҷамъбасти умумӣ, банизомдарорӣ, аниқсозӣ ва пуррагардонии нуқтаҳои назари назариявӣ ва амалӣ оид ба идоранкунии

баландбардории фоида бо дарназардошти хусусиятҳои корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ иборат мебошад. Дар заминаи ҷамъбасти умумӣ – назариявӣ ва таҳлили комплексӣ, роҳҳои идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ кор карда баромада шудааст.

Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқотро дар вақти таҳияи асосҳои назариявӣ ва методӣ оид ба зиёд намудани фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсадҳо ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шудаанд, усулҳои зерин истифода шуданд: системавӣ, таҳлилӣ, монографӣ, иқтисодӣ – оморӣ, баҳодиҳии иқтисодӣ, усули муқоисавии таҳлил ва ғайра.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро** масъалаҳои бунёдии идоракунии баландбардории фоида дар асарҳои муаллифони хориҷӣ М.Блауг, А.Бланк, А.Бабо, А.В.Добрынин, М.Волков, А.Петров, Ю.Г. Киязева, Ю.Е. Кутериега ва дигарон таҳқиқ шудааст.

Масъалаҳои ташкили истеҳсолот ва рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ва идоракунии фоидаоварии корхонаҳои саноатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои иқтисодчиёни ватанӣ Раҳимов Р.К., Қаюмов Н.К., Комилов С.Ҷ., Низомова Т.Д., Рауфӣ А., Каримова М.Т., Хоналиев Н., Бобоев О.Б., Раҷабов Р.К., Рабиева Т.М., Махкамов Б.Б., Оймаҳмадов Г., Ашуров А.Н., Дадоматов Д.Н., Ҷурабоев Ғ. ва дигарон дида баромада шудаанд.

Новобаста аз он, ки масъалаи мазкур аз ҷониби иқтисодчиёни сершумор мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо ҳанӯз дар иқтисодиёти мамлакат аксари корхонаҳои саноати истеҳсоли махсулоти ширӣ дар муддати кӯтоҳ ба мушкилиҳои молиявӣ дучор гардида, фаъолияти худро қатъ менамоянд. Дар шароити гузариш ба марҳилаи нави индустриалӣ, ки рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ душвор гардидааст, зарурат ба омӯзиши мавзӯи мазкур дучандон гардида, дақиқ муайян намудани

механизмҳои ба баландбардории фоидаи корхонаҳои саноати истеҳсоли махсулоти ширӣ таъсиррасон, ташкили бизнес – раванд ва пешниҳоди роҳҳои рушди босуръат бо кам намудани хароҷотҳои корхона ба таври алтерантивӣ ба миён омадааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот бадастомада дар шакли маъруза дар конфронсҳои илмӣ – амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ дар солҳои 2019 – 2022 дар шаҳрҳои Душанбе, Москва пешниҳод карда шуданд.

Натиҷаҳои диссертатсияро дар ҷараёни таълими фанҳои зерин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст: идоракунии истеҳсолот, иқтисодиёти корхона, ташкили истеҳсолот дар корхона, асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ, идоракунии сифат ва ғайра.

Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи талаботи шаҳодатномаи КОА – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи 08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 7 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 3 ҷузъи ҷопӣ  нашр гардидааст, ки аз онҳо 6 адад дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,  мақола дар конфронси байналмилалии илмӣ – амалӣ дар Ҷумҳурии Канада чоп карда шудааст.

**Феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**
**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризишаванда:**


1. [М 1]. Сафарзода Г.Г. «Анализ ключевых факторов, способствующих мотивации работника» журнал Вестник ТНУ ISSN 24135151 №10 (90- 91) г.2019.

2. [М 2]. Сафарзода Г.Г. “Экономико – организационное описание ЗАО “Молочного комбината” города Душанбе” журнал Вестник ТНУ ISSN 24135151 №1 (109 - 115) г.2019.

3. [М 3]. Сафарзода Г.Г. “Ҷанбаҳои назариявии баландбардории фоида дар корхонаҳои истеҳсолӣ” маҷаллаи “Кишоварз” ISSN 2075 – 9584 №3 (101 - 104) с.2019.

4. [М 4]. Сафарзода Г.Г. «Общие сведения об экономической эффективности производства молочной продукции: химический состав молока» журнал Вестник ТНУ ISSN 2435151, №2 (111 - 116) г. 2019.

5. [М 5]. Сафарзода Г.Г. “Фоида – натиҷаи ниҳоии ҳадафи соҳибкор ва идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ” маҷаллаи Паёми ДМТ ISSN 2413-5151, №1 (79-86) с.2023.

6. [М 6]. Сафарзода Г.Г. “Усулҳои идоракунии хароҷотҳо дар корхонаҳои саноатӣ” маҷаллаи Паёми ДМТ ISSN 2413 -5151, №4, қисми 1 (91-96) с.2023.

**Дар дигар нашрияҳо:**

7. [М 7]. Сафарзода Г.Г. Маркетинговые исследования – основная задача предприятия [Текст] / Г.Г. Сафарзода // Международная научно – практическая конференция «Конференция научных исследований» в XXI веке (18-19 июня 2021 г.) Оттава, Канада.

**Қарор қабул карда шуд:**

Диссертатсияи аспирант Сафарзода Г.Г. дар мавзуи "Идоракунии баландбардории фоидаи корхонаҳои саноатии истеҳсоли маҳсулоти ширӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.01 – иқтисодиёти саноати ва энергетика мутобиқат мекунад, бо назардоштиислоҳи камбудиҳо ба Шӯрои диссертатсионӣ тавсия карда мешавад.

Аз тарафи аъзоёни кафедра ба ҷонибдории рисолаи диссертатсионии аспирант Сафарзода Г.Г. якдилона овоз дода шуд: тарафдор 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи “Иқтисодиёт ва идоракунӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 28 июни соли 2023, суратҷаласаи 9 қабул гардидааст.

Раисикунанда: мудири кафедраи
“Иқтисодиёт ва идоракунӣ”
н.и.и., дотсент Ғаффорзода Ҷ.Ғ.

Котиб: ассистенти кафедраи
“Иқтисодиёт ва идоракунӣ” Дӯстова Н.

Имзоҳои Ғаффорзода Ҷ.Ғ. ва Дӯстова Н.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ
“____”__________2023с. Мустафозода А.